ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ**

**КАФЕДРАИ МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ТАБИӢ-РИЁЗӢ**

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ КУРСИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ОМӮЗГОРОНИ ФАННИ БИОЛОГИЯ

ДУШАНБЕ – 2024

Бо қарори шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз «30» 09. с.2024, №9/8-23 тасдиқ шудааст.

**Мураттиб**: Ш. Раҷабов - омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои табиӣ – риёзии МДҶТИБКСМ .

**Муқарризон:** Н. Қодиров – мутахассиси пешбари шуъбаи фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқи АТТ.

О. Холова – сармутахассиси пешбари шуъбаи хадамоти таҳсилоти умумии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муҳаррир:** М.Солиева – Мудири бахши мониторинги сифати таълими раёсати корҳои таълимӣ-методии ДҶТИБКСМ.

Барномаи таълимии мазкур дар асоси стандарти фанни биология таҳия карда шудааст. Барнома алоқамандии мураттаби машғулиятҳоро бо барномаҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таъмин менамояд.

Дар барномаи мазкур оид ба навгониҳо, роҳҳои гуногуни истифодабарии усулҳои фаъоли муосири таълим, эҷодкории хонандагон дар замони муосир, истифодабарии тестҳо дар ҷараёни таълим ва корҳои инфиродӣ дар таълими муносибати босалоҳият аҳамияти махсус дода шудааст.

Мавзуъҳо вобаста ба  усулҳои нави таълими фан: усулҳои фаъол ва интерактив пешниҳод шудаанд.

Ҳамзамон, хабардор шудан аз навигариҳои  илму техника ҳатман ба такмили дониши омӯзгор, ба  навоварии ӯ ва баланд шудани дониши хонандагон мусоидат мекунад.

Барнома барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанни биология тавсия карда мешавад.

## ПЕШГУФТОР

Яке аз омилҳои асосии рушди соҳаи маориф ин такмили ихтисоси омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Бинобар ин сиёсати имрӯзаи Ҳукумати  Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз ба татбиқи ислоҳоти куллии соҳаи маориф равона гардидааст, зеро аз дуруст ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сатҳи омода намудани мутахассисони оянда – барпокунандагони ҷамъияти навини демократӣ вобаста аст. Баланд намудани маҳорати касбии омӯзгор яке аз талаботҳоест, ки имрӯз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди кормандони соҳа, махсусан, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф гузоштааст. Аз худ намудани усулҳои нави таълими фан, хабардор шудан аз навигариҳои  илму техника ҳатман ба такмили дониши омӯзгор, ба  навоварии ӯ ва баланд шудани дониши хонандагон мусоидат мекунад.

Мақсади асосии барнома – такмили малакаю маҳорати касбии омӯзгорони фанни биологияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ оид ба гузаштан ба муносибати босалоҳият дар таълим мебошад. Тавассути омӯзиши муносибати босалоҳият дар таълим, омӯзгорон бо такмили дониш, малака ва маҳорати касбии худ ба масъалаи сохт ва пайдоиши ҳаёт, қонуниятҳои умумии табиати зинда, пайдоиши одам ва мавқеи он дар олами органикӣ шинос мешаванд. Инчунин, оид ба масъалаи экология ва ҳифзи муҳити зист, мавқеи инсон дар табиат, оқилона истифода бурдани сарватҳои зиндаи табиӣ, пешгирии бемориҳои сирояткунанда ва тарзи ҳаёти солим маълумоти зарурӣ ба даст меоранд.

Мақсади барнома аз мусоидат намудан дар ташаккули малакаҳои омӯзгорон оид ба азхудкунии маводи таълимӣ, банақшагирии дарси муносибати босалоҳият ба таълим, шаклҳои гузаронидани корҳои таҷрибавию озмоишӣ, технологияи банақшагирӣ ва гузаронидани мавзуъҳои мушаххас аз фанни биология мебошад. Бо ин мақсад дар барнома фаъолиятҳои самарабахши таълим оварда шудааст, ки ҳангоми амалӣ намудани онҳо омӯзгорон ба ин ё он мақсади пешбинишуда ноил мегарданд.

Вазифаҳои асосии барномаи таълимӣ аз инҳо иборатанд:

Шинос намудани шунавандагон бо асосҳои назариявӣ ва амалии фаъолияти омӯзгорони фанни биология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

Барномаи мазкур машғулиятҳои назариявию амалиро дар бар гирифта, дар КТИ-и омӯзгорони фанни биологияи муассисаҳои таълимии асосӣ, миёна ҷиҳати баландбардории малакаҳои касбии омӯзгорон кӯмак мерасонад.

Дар баробари омӯзиш ба шунавандагон имкон дода мешавад,  то масъалаҳои асосии фан, истифодаи донишҳои назариявӣ дар амал ва хусусиятҳои истифодаи методҳои интерактивиро дар зинаҳои гуногуни дарси биология аз худ кунанд.

**1.Мақсади таълим** - мақсадҳои мушаххаси таълимиеро, ки барои ҳосил шудани салоҳияти муайян равона шудаанд, дар бар мегирад;

**2.Мавзуъ ва мундариҷаи таълим** – дар ин фасл мавзуъҳо ва мундариҷае, ки тавассути аз худ кардани онҳо омӯзгор ба мақсади таълим додан ноил гашта, ба ин восита салоҳияти муайянро ҳосил мекунад, ҷой дода шудаанд;

**3.Фаъолияти таълим** - аз фаъолиятҳои таълимии тавсияшаванда, ки тавассути он мавзуъ ва мундариҷа азхуд карда шуда, таҳлилу баррасӣ меёбанд, иборат аст. Фаъолиятҳо вобаста ба шароит ва мавод тағйир дода мешаванд.

**4.Вақт** - вақти эҳтимолие, ки барои ноил гаштан ба мақсад мусоидат мекунад, пешниҳод гардидааст.

Дар барнома номгӯи адабиёти истифодашаванда марбут ба мақсаду масъалаҳои таълим тавсия дода шудаанд.

Мазмуни барнома ба сатҳи такмили дониши шунавандагон мувофиқ карда шуда, дар асоси талаботи салоҳияти касбии омӯзгорони фанни биология таҳия гардидааст.

**Талаботи барнома**

То анҷоми курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанни биология иштирокдорон дониш, малака, маҳорат, ва салоҳиятҳои зеринро бояд соҳиб гарданд:

- сиёсати давлатро дар соҳаи маориф шарҳ дода фаъолияти таълимро дар асоси он ба роҳ монда тавонанд;
- навгониҳои соҳаи педагогика ва психологияро донанд ва амалан татбиқ намоянд;
- мақсад ва мазмуни стандарти давлатии таълими фанни биологияро шарҳ дода, дар асоси он барномаи таълим, нақшаи тақвимӣ ба дарсро таҳия карда тавонанд;
- усулҳои таълим ва омӯзиши интереактивиро донад, муносибату воситаҳои онро дар амал татбиқ карда тавонанд;
- ҳангоми арзёбии фаъолияти таълимии хонандагон аз усулу воситаҳои гуногуни арзёбӣ истифода бурда тавонанд;
- асосноккунии мафҳум ва ҳодисаҳоро дар таълими мавзуъҳои биология мутобиқи талаботи стандарт ва барномаи таълим ба роҳ монда тавонанд;
- мавзуъҳои биологияро бо масъалаҳои паст кардани хатари офатҳои табиӣ алоқаманд карда тавонанд;

Талаботи мазкур тавассути тести ҷамъбастӣ санҷида шуда, ба иштирокчии курс баҳои муайян гузошта мешавад. Дар баробари санҷиши тестӣ, иштирокчии курс бояд ҳадди ақал, 1 кори лоиҳавӣ супорида, баҳои қаноатбахш гирад.

***Аз шунавандагони курс хоҳиш карда мешавад, ки дар ҳолати зарурӣ фикру ақидаашонро дар бобати барнома ба суроғаи Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандон соҳаи маориф ирсол намоянд.***

**Нақшаи**
**таълимии курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанни биология**

| № | Қисматҳои барнома | Микдори соат | | |
|---|---|---|---|---|
| | | **Ҳамагӣ** | **Назариявӣ** | **Амалӣ** |
| **1.** | Тахассус, такмили маҳорати касбӣ | **36** | **14** | **22** |
| **2.** | Педагогикаи касбӣ | **3** | 1 | 2 |
| **3.** | Психологияи касбӣ | **3** | 1 | 2 |
| **4.** | Технологияи иттилоотӣ | **4** | 1 | 3 |
| **5.** | Менеҷменти сиёсӣ | **2** | 2 | - |
| | **ҲАМАГӢ** | **48** | **19** | **29** |

**Нақшаи**
**тақвимии курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанни биология**

| № | ҚИСМҲОИ БАРНОМА | Микдори соатҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| | **Тахассус, методикаи таълими фан** | **36** | **14** | **22** |
| 1.1 | Таҳлили мазмун ва мундариҷаи стандарти фанни биология дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ. | 3 | 1 | 2 |
| 1.2 | Мақсад ва вазифаҳои барномаи таълимӣ, нақшаи таълимӣ, нақшаи тақвимӣ ва китоби дарсии фанни биология | 3 | 1 | 2 |
| 1.3 | Технологияи инноватсионии татбиқи муносибати босалоҳият дар муассисаи таълимӣ. Принсипҳои муносибати босалоҳият дар таълими фанни биология | 3 | 1 | 2 |
| 1.4 | Арзёбӣ. Мақсад, принсип ва хусусиятҳои арзёбӣ дар таълими фан. | 2 | 1 | 1 |
| 1.5 | Усулҳои таълим. Усулҳои омӯзиши интереактивӣ дар таълими фанни биология | 3 | 1 | 2 |
| 1.6 | Технологияи омӯзиши проблемавӣ дар таълими фанни биология | 2 | 1 | 1 |
| 1.7 | Банақшагирии дарси биология. Таҳияи нақшаи дарси як соата аз фанни биология | 3 | 1 | 2 |
| 1.8 | Тарзу усулҳои саволгузорӣ дар таълими фанни биология | 3 | 1 | 2 |
| 1.9 | Роҳ ва усулҳои сохтани маводӣ айёнӣ ва истифодаи онҳо дар таълими фанни биология | 3 | 1 | 2 |
| 1.10 | Истифодаи технологияи иттилотӣ дар баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгор | 3 | 1 | 2 |
| 1.11 | Робитаи фанни биология бо дигар фанҳои таълимӣ. | 2 | 1 | 1 |
| 1.12 | Нақш ва вазифаи кабинети биология дар таълими фанни биология | 2 | 1 | 1 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1.13 | Ташкили иттиҳодияҳои методӣ ва гурӯҳҳои эҷодии омӯзгорон аз фанни биология | 2 | 1 | 1 |
| 1.14 | Тартиби ташкил ва гузаронидани маҳфилҳои фаннӣ. | 2 | 1 | 1 |
| **2** | **Мавзуъҳои иловагии алтернативӣ** | **8** | **4** | **5** |
| 2.1 | Асосҳои экология ва роҳҳои баланд бардоштани маърифати экологии хонандагон | **3** | **1** | **2** |
| 2.2 | Проблемаҳои асосии ҳифзи табиат дар замони муосир. Ҳадафҳои асосии даҳсолаи байналмилалии амал « Об барои рушди устувор» солҳои 2018-2028 | **2** | **1** | **1** |
| 2.3 | Татбиқи "20-солаи омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ" дар МТМУ | **3** | **1** | **2** |

***Эзоҳ:*** *Шунавандагон метавонанд аз мавзуъҳои иловагии алтернативии нақшаи мазкур дар доираи соатҳои муайянгардида мавзуъҳои дилхоҳи худро интихоб намоянд.*

**Мавзуи 1.1. Таҳлили мазмун ва мундариҷаи стандарти фанни биология дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ**.

Бояд омӯзгорон ба мафҳумҳои асосии вобаста ба стандарти таълими фанни биология маълумотҳои муфассал дошта бошанд:

- стандарти таълим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҳуҷҷатҳои расмии вобаста ба таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимоти миёна.
- стандарти таълими фанҳои ботаника, зоология, анатомия ва биологияи умумӣ. Мафҳумҳое, ки онро дарбар мегиранд ва мавзуъҳои асосии таълими фанҳои ботаника, зоология, анатомия ва биологияи умумӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна.
- барномаи таълими фанҳои ботаника, зоология, анатомия ва биологияи умумӣ дар асоси таълими муносибати босалоҳият;
- китобҳои дарсӣ ва маводҳои дидактикӣ дар таълими фанҳои ботаника, зоология, анатомия ва биологияи умумӣ.

**Мавзуи 1.2. Мақсад ва вазифаҳои барномаи таълимӣ, нақшаи таълимӣ, нақшаи тақвимӣ ва китоби дарсии фанни биология**

Барномаи таълимӣ - ҳуҷҷате, ки дар он мазмуни фанни таълимӣ, мақсаду вазифаҳо, тарзи ташкили раванди таълим, талабот ба сатҳи донишу маҳорат ва малакаи таълимгиранда ифода ёфтааст. Барномаи таълимӣ аз тарафи маркази методӣ дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон омада ва тасдиқ мешавад.

Мақсад ва мазмуни Барномаи таълими фанни биология ба омӯзгор фаҳмонида мешавад. Дар асоси он барномаи таълими мактабӣ, нақшаи тақвимӣ ба дарсро таҳия карда мешавад.

Барномаи мазкур машғулиятҳои назариявию амалиро дар бар гирифта ба омӯзгорони фанни биология муассисаҳои таълимӣ ҷиҳати баландбардории малакаҳои касбии омӯзгорон кумак мерасонад.

Нақшаи таълимии фанни биология миқдори мавзуъҳоро дар таълими фанҳои биология мутобиқи талаботи стандарт ва барномаи таълим ба роҳ монда тавонанд. Омӯзгорони фанни биология нақшаи тақвимӣ сохта тавонанд. Мазмун ва сохтори китобҳои фанни биология.

**Мавзуи 1.3. Технологияи инноватсионии татбиқи муносибати босалоҳият дар муассисаи таълимӣ. Принсипҳои муносибати босалоҳият дар таълими фанни биология**

Нишондодҳои салоҳиятҳои фаннӣ-мавзуӣ дар таълими фанни биология мутобиқи талаботи стандарт ва барномаи таълимӣ ба роҳ монда мешавад. Аз мавқеи муносибати босалоҳият дида баромадани фаъолияти касбӣ ва ташаккули тамсилаи салоҳиятнокии омӯзгорони фанни биология, инчунин шароити ташаккулёбии чунин тамсилаи технологӣ дар низоми баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дорои арзиши арзанда мебошад.

**Мавзуи 1.4. Арзёбӣ. Мақсад, принсип ва хусусиятҳои арзёбӣ дар таълими фанни биология.**

Бояд омӯзгор мафҳуми арзёбиро пурра шарҳ диҳад, 8 -принсипи арзёбиро бояд пурра донад. Мақсадҳои арзёбиро муайян карда тавонад. Бояд донад, ки арзёбӣ аз кадом вазифаҳо иборат аст.

Фарқи байни арзёбии ташаккулдиҳанда ваҷамъбастиро гуфта тавонад. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро шарҳ дода, онро дар амал татбиқ карда тавонад. Воситаҳои арзёбии ҷамъбастиро таҳия карда тавонад. Намудҳои тест. Тест ҳамчун натиҷаи арзёбиро фаҳмонида тавонад.

**Мавзуи 1.5. Усулҳои таълим. Усулҳои омӯзиши интереактивӣ дар таълими фанни биология**

Усулҳои омӯзиши фаъол усулҳое мебошанд, ки ҳамкориро (ё муносибати мутақобиларо) байни омӯзгор ва хонанда, инчунин хонанда ва омӯзгор талаб мекунанд. Калимаи «интерактив» аз калимаи англисии «interact» гирифта шуда, маънояш «inter» - «якҷоя» ва «act» - «амал кардан» мебошад. Усули таълим ва омӯзиши интерактивӣ аз омӯзанда фаъолияти баланд ва дарки эҷодкоронаи маълумоти пешниҳодшударо талаб мекунад.

Меъёрҳои асосии модели интерактивии таълим: ин имконияти муҳокимаронихо ва пешниҳоди озоди мавзуъ, лексияхонии кам, вале шумораи зиёди фаъолиятҳои амалӣ, ташаббуси бештар аз тарафи хонанда,

шумораи зиёди фаъолиятҳои гурӯҳие, ки кӯшишҳои якҷояро талаб мекунанд ва иҷроиши корҳои хаттӣ мебошад.

### Мавзуи 1.6. Технологияи омӯзиши проблемавӣ дар таълими фанни биология

Технология ва методҳои фаъолияти касбӣ, коркард ва аз худ намудани унсурҳои салоҳиятро ташаккулдиҳанда ва тафриқаи минбаъдаи онҳо дар ҷараёни таълим ва инкишофдиҳандаи технологияи омӯзиши проблемавӣ мебошад. Барои таҳияи чунин мақсадҳо омӯзгор бояд хуб дарк намояд, ки хонандагон дар кадом марҳалаи ташаккули салоҳияти фаннии мавзуи азхудшаванда қарор доранд. Мақсади асосии силсилаи дарсҳо оид ба мавзуъ ягона аст, вале вазифаҳое, ки дар ҳар як дарс барои расидан ба мақсади ниҳоӣ аз мавзуи азхудшаванда анҷом дода мешаванд, низ мушаххас барои ҳар як дарс бошанд. Хонанда, воқеан, он вақт дар наздаш мақсади мушаххас мегузорад, ки дар ҳалли (мавзуъ) проблема мушкилӣ кашад ва дарк намояд, ки аз худ намудани мавзуи мазкур барои ӯ муҳим ва зарур аст. Барои ин ба хонанда ёрии омӯзгор зарур аст.

### Мавзуи 1.7. Банақшагирии дарси биология. Таҳияи нақшаи дарси яксоата аз фанни биология

Талаботҳо оид ба дониш, фаҳмиш ва истифодаи мазмуни бобро муайян карда тавонад. Дар асоси талаботи барнома мақсадҳои таълимро таҳия карда тавонад. Мазмун ва мундариҷаи бобро ба дарсҳои алоҳида ҷудо карда тавонад. Нақшаи яксоатаи дарс дар асоси мақсадҳои таълиму мазмуни он, методу усулҳо ва воситаҳои арзёбии мувофиқро тартиб дода тавонад. Технологияи банақшагирии дарси яксоатаро аз фанни биология дар асоси таксаномияи Б. Булум таҳия карда тавонад.

### Мавзуи 1.8. Тарзу усулҳои саволгузорӣ дар таълими фанни биология

Мавқеи саволҳои мавзуиро дар ҷараёни дарс муайян карда, намудҳои гуногуни саволҳоро таҳлил карда тавонад. Намунаи саволҳоро гурӯҳбандӣ кунад. Фарқияти саволҳоро гуфта тавонад. Вобаста ба вазъият дар ҷараёни дарс аз саволҳои гуногун истифода бурда тавонад.

### Мавзуи 1.9. Роҳ ва усулҳои сохтани маводӣ айёнӣ ва истифодаи онҳо дар таълими фанни биология.

Омӯзгор бояд аҳамияти воситаҳои айёнӣ ва техникиро дар таълими фанни биология ва экология шарҳ дода тавонад. Вобаста ба муҳимияташон айёниятҳои таълимиро барои синфҳои алоҳида ҷудо кунад. Роҳҳои сохтани маводҳои айёнӣ ва воситаҳои таълимиро аз фанни таълимӣ нишон дода тавонад. Тарзу усулҳои истифодаи воситаҳои айёниро дар ҷараёни дарс фаҳмонад ва нишон диҳад.

### Мавзуи 1.10. Истифодаи технологияи иттилотӣ дар баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгор.

Омӯзгор бояд вобаста ба дарс аз воситаҳои технологияи иттилоотӣ: компютер, проектор, доскаи электронӣ пурра самаранок истифода бурда тавонад. Иҷрои корҳои озмоиширо бо воситаи технолгияи муосир намоиш дода тавонад.

### Мавзуи 1.11. Робитаи фанни биология бо дигар фанҳои таълимӣ

Алоқаи фанни биологияро бо дигар фанҳо шарҳ дода тавонад. Робитаҳои калон ва хурди дохилифанниро муайян карда шарҳ диҳад. Алоқаманди фанни биологияро бо дигар фанҳои таълимӣ дар ҷараёни дарс истифода бурда тавонад.

### Мавзуи 1.12. Нақш ва вазифаи кабинети биология дар таълими фан

Аҳамияти кабинети биологияро дар ҷараёни таълими фан шарҳ диҳад. Маводҳое, ки дар кабинети таълими нигоҳ дошта мешавад, номбар карда онро асоснок карда тавонад. Маводҳои кабинетро дар ҷараёни дарс самаранок истифода барад.

### Мавзуи 1.13. Ташкили иттиҳодияҳои методӣ ва гурӯҳҳои эҷодии омӯзгорон аз фанни биология

Саҳми иттиҳодияи методиро дар пешрафти ҷараёни таълими фан шарҳ диҳад. Мақсаду вазифаҳои иттиҳодияи методии фанни биологияро муайян карда тавонад. Кори иттиҳодияи методӣ ва гурӯҳҳои эҷодии омӯзгорони фанни биологияро ба нақша гирад.

### Мавзуи 1.14. Тартиби ташкил ва гузаронидани маҳфилҳои фаннӣ.

Ташкил ва гузаронидани мақсади маҳфилро аз чӣ иборат аст бояд донад. Аҳамияти маҳфили фанниро дар таълими фанни биология шарҳ диҳад. Шаклҳои маҳфили фанниро муайян карда тавонад. Маҳфилҳои фанниро ба нақша гирад.

# 2. Мавзуъҳои иловагии алтернативӣ

## Мавзуи 2.1. Асосҳои экология ва роҳҳои баланд бардоштани маърифати экологии хонандагон

Маънои истилоҳи экология. Қисмҳои таркибӣ ва соҳаҳои асосии экология: фардҳо, популятсия, ҷамоаҳо, биосеноз, экосистемаҳоро шарҳ диҳад. Аҳамият ва омӯзиши ҳатмии экологияро гуфта тавонад. Саҳми олимони тоҷикро дар инкишофи экология шарҳ диҳад.

Омӯзгор бояд муаммоҳо, мушкилоти ҳозираи экологӣ оид ба ифлосшавӣ ва харобшавии муҳити зист: об, ҳаво, замин, ғизои органикӣ, баландшавии ҳарорати Сайёраи Замин, обхезиҳо, гирдобҳои даҳшатовар ва офатҳои табиӣ маълумот дода тавонад.

## Мавзуи 2.2. Проблемаҳои асосии ҳифзи табиат дар замони муосир. Ҳадафҳои асосии даҳсолаи байналмилалии амал « Об барои рушди устувор» барои солҳои 2018-2028.

Омӯзгор бояд сабабҳои норасоии оби нӯшиданӣ, афзоиши аҳолӣ, аз меъёр истифода бурдани об, ифлосшавии муҳити зист ба яке аз масъалаҳои мубрам ва ҳалталаби Сайёра гаштани заминро бо мисолҳои ҳаётӣ шарҳ дода тавонад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо якчанд пешниҳоди наҷиби хеш, аз ҷумла оид ба эълон доштани “Соли байналмилалии оби тоза”( 2003), Даҳсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои ҳаёт» (2005-2015) ва “Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об”( 2013), Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», барои солҳои 2018-2028 дар арсаи байналхалқӣ ҳамчун кишвари ташаббускор дар мавриди масъалаҳои марбут ба об эътироф шуданашро бо истифода аз воситаҳои техникӣ шарҳу эзоҳ дода тавонад.

## Мавзуи 2.3. Татбиқи “20-солаи омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи маориф ва илм” дар МТМУ

Мақсади дарс: иҷрои нуқтаи Паёми Аосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ.

Рушд додани омӯзиш ва дар амал татбиқ намудани фанни биология дар МТМУ.

Рушди илми биология сабаби саноатикунонии бо суръати мамлакат маҳсуб меёбад, ҳангоми амалӣ намудани фанни биология ва дигар фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ метавонем саноати мошинсозӣ, технологияҳои нав, кишоварзӣ, чорводорӣ, тиб, маориф, фарҳанг ва ғайраро рушд бахшида сатҳи зиндагии аҳолии мамлакатро хуб намоем.

## Руйхати адабиёт


1. Эмомалӣ Раҳмон. Маориф омили муҳимтарини таҳкими давлат ва начоти миллат аст. Душанбе. 2007.
2. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 22.12.2005.
3. Паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон».
4. Шарипов А.,Фаттоев С. Эмомалӣ Раҳмон - Наҷотбахши миллат. Китоби 1. Душанбе. 2006.
5. А.Шарипов, С.Фаттоев. Эмомалӣ Раҳмон - Поягузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ. Китоби 2. Душанбе. 2006.
6. Шарипов А., Фаттоев С. Эмомалӣ Раҳмон: Оғози марҳилаи созандагӣ. Китоби 3. Душанбе. 2006.
7. Шарипов А., Шамсиддинов С.. Эмомалӣ Раҳмонов: Соле, ки ба қарнҳо баробар аст.. Китоби 4. Душанбе. 2006.
8. Шарипов А., Сироҷов З. Эмомалӣ Раҳмон: Соли фарҳанги оламгир. Китоби 5. Душанбе. 2006.
9. Шарипов А., Сироҷов З. Эмомалӣ Раҳмон - Соли тамаддуни Ориёӣ. Китоби 6. Душанбе. 2006.
10. Шарипов А. Эмомалӣ Раҳмон - Президенти мо. Китоби 7. Душанбе. 2006.


### Адабиёти иловагӣ


1. Атахонов Т. Лутфуллоев М., Шарифов Ф. Очеркҳои афкори педагогӣ (Воситаи таълим.-Душанбе , 2005.
2. Афзалов Х., Раҳимов Б. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик-Душанбе, 1994.
3. Лутфуллоев М.- Эҳёи педагогикаи тоҷик-Душанбе, 1997.
4. Кулагина И.Ю.- Возрастная психология-М. 1996.
5. Қодиров С., Давлатов М. Психология –Душанбе, Сино, 2002.
6. Мухина М.С. Возрастная психология.-М., 2002.
7. Мустафоқулов Т., Нарзуллоев М. Асосҳои психологияи синнусолӣ ва педагогӣ. Кӯлоб, 1993.
8. Винокурова Н.К. Развитие творческих способностей учащихся-М. 1999.
9. Давыдов В.В. Теория развивающего обучения М., 1996.
10. Дидактические основы компьютерного обучения-Л.1989.